«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи. Ш. Шоҳтемур,
профессор ____________ Маҳмадёрзода У.М.
« 13 » ____________ с.2024

**Хулосаи**
**ҷаласаи муштараки кафедраҳои факултетҳои иқтисодӣ**
**ва идораи замин ва геодезияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон**
**ба номи Ш.Шоҳтемур (протоколи №1 аз 11.06.2024)**

Ба кори диссертатсионии Исломов Обид Олимбоевич дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи идораи замин ва кадастри Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур иҷро карда шудааст.

Исломов Обид Олимбоевич, соли таваллуд 1980, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2003 ӯ Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемурро бо гирифтани дараҷаи бакалаври кишоварзӣ, ва соли 2005 шуъбаи магистратураи донишгоҳи номбурдаро бо гирифтани дараҷаи магистри кишоварзӣ хатм намудааст. Солҳои 2006-2008 дар Донишкадаи технологии Шоҳигарии Шветсия дар шуъбаи магистратура аз руйи ихтисоси заминсоз таҳсил намуда, бо гирифтани дараҷаи магистри ихтисоси заминсозӣ бомуваффақият хатм намудааст. Номбурда тибқи фармоиши №109 аз 13-уми майи соли 2015 ба шӯъбаи аспирантураи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – “Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ, иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комлекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ)” дохил шуда, шӯъбаи мазкурро тибқи формоиши №603 аз 16 ноябри соли 2022 хатм намудааст. Тибқи мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.01.2024, №07(49)02-03 фарқиятҳои академиро аз фанҳои Иқтисодиёти байналмиллалӣ (5 аъло, аз 16.03.2024), Географияи иқтисодии ҷаҳон (5 аъло, аз 26.03.2024), Усулҳои тадқиқоти илми иқтисодӣ (5 аъло, аз 30.03.2024) ва Иқтисодиёти меҳнат (5 аъло, аз 05.04.2024) супорид.

Фаъолияти меҳнатии ӯ солҳои 2005-2006 ба ҳайси мутахассиси шуъбаи баҳои иқтисодии замини Институти давлатии лоиҳакашии заминсозии “Тоҷикзаминсоз” оғоз гардидааст. Баъдан, дар вазифаҳои: солҳои 2008-2010 - мутахассиси шуъбаи робитаҳои иқтисоди хориҷии Агентии заминсозӣ, геодезӣ ва харитасозии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2010-2012 - мутахассиси раёсати заминҳои таъиноти кишоварзии Кумитаи давлатии

идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012-2020 - мутахассиси Лоиҳаи ислоҳоти замин ва таҷдиди хоҷагиҳои деҳқонӣ, 2020-2022 - мушовир дар Институти давлатии лоиҳакашии заминсозии “Тоҷикзаминсоз” ва аз солҳои 2009-2012 ва аз моҳи сентябри соли 2022 то инҷониб дар вазифаи ассистенти кафедраи идораи замин ва кадастри Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур фаъолият намуда истодааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Мирсаидов С.А.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муқарризон:**

**Шарифов Зариф Раҳмонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур;

**Саидмуродзод Ҷовид Ҷаббор** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи замин ва кадастри Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур;

**Элмуродов Хуршед Зоирҷонович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ бахусус амнияти озуқаворӣ, ки ҷузъи марказии амнияти милии иқтисодии мамлакат ба ҳисоб меравад, таваҷҷӯҳи хоса дода шудааст. Воқеан ҳам, муносибатҳои истифодабарии замин асоси ташаккули муносибатҳои истеҳсолиро ташкил медиҳанд, тамоюлҳои тараққиёти иқтисодиёти ҷамъият ва сатҳи таъмини амнияти озуқавориро муайян мекунанд. Давлат вазифаҳои муҳофизати идоракунии истеъмол ва истифодаи сарватҳои табииро ба амал бароварда, кӯшиш менамояд, ки дар меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқӣ қоидаҳои қатъии истифодаи замин, аз ҷумла, ташаккули консепсия ва принсипҳои асосии истифодаи оқилонаи онро барои таъмини амнияти озуқаворӣ муқаррар намояд.

Ташаккули системаи оқилонаи муносибатҳои истифодабарии замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, танҳо дар асоси муайян кардан ва асоснокунии илмии механизмҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ имконпазир аст, ки равшан кардани мафҳумҳо ва мундариҷаи унсурҳои алоҳидаи онҳоро талаб мекунанд. Ҳалли илмии масъалаҳои муайяншуда, на танҳо ба мақсади ислоҳоти замин ноил мегардад, балки инчунин ҳифзи иқтидори замину захираҳои давлатро, ки сарвати нодири миллӣ мебошад, таъмин менамояд.

Баҳснокии масъалаҳои таҳқиқгардида мавзуъ ва объекти таҳқиқотро ташкил дода, интихоби мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсияро муайян менамояд.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии тадқиқот таҳияи консепсияи ташаккули системаи самараноки идоракунии муносибатҳои замин дар шароити муосир, инчунин аз механизми ташкиливу иқтисодии баланд бардоштани истифодаи самараноку оқилонаи заминҳои кишоварзӣ дар самти таъмини амнияти озуқавории давлат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ин ҳадаф вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

– таҳқиқи муносибатҳои назариявии муосир доир ба моҳият ва арзёбии амнияти озуқаворӣ;

– тавсифи мазмуни иҷтимоию иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ва меъёрҳои арзёбии истифодаи самараноки он дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ;

– муайян намудани нақши бунёдии самаранокии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ ба таъмини амнияти озуворӣ;

– арзёбии ҳолати муосири рушди соҳаи кишоварзӣ ва фонди заминҳои кишоварзии вилояти Суғд ва таҳлили сатҳи самаранокии он;

– асоноккунии консепсияи ташкил ва идоракунии истифодабарии устувори заминҳои кишоварзӣ ҳамчун шарти таъмини амнияти озуқаворӣ;

– коркарди тавсияҳо доир ба мукаммалгардонии самтҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин.

**Объекти таҳқиқот.** Фонди замин, ки ҳамчун объекти идоракунӣ, механизми ташкиливу иқтисодӣ идоракунии заминҳои кишоварзӣ маҳсуб меёбад, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамояд.

**Мавзуи таҳқиқот -** муносибатҳои иқтисодиву ташкилӣ, идоракунӣ вобаста ба истифодаи оқилонаву самараноки заминҳои кишоварзӣ, ки кафолати таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва минтақаҳои онро муайян менамояд, мебошад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** асарҳои олимон-иқтисодшиносон, ки ба масъалаҳои идоракунии системаи заминҳои кишоварзӣ ва истифодаи оқилонаи он бахшида шудааст, ҳисоботу гузоришҳои илмии институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои илмиву таҳсилотии мамлакат ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ доир ба мавзуи таҳқиқот ташкил додаанд.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот.** Қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсат ва идораҳои кишоварзии вилояти Суғд, таҳияҳои илмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои дар маҷаллаҳои илмӣ чопшуда, тадқиқотҳои аз

тарафи муаллиф гузаронидашуда, инчунин назарсанҷиҳои гузаронидаи муаллиф ташкил мекунанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар асосноккунии нуктаҳои назариявию мукаммалгардонии механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии заминҳои кишоварзӣ, асосноккунии тавсияҳои амалӣ доир ба рушд ва такмили методҳои баланд бардоштани истифодаи самараноку оқилонаи он дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Суғд дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ ифода меёбад.

Натиҷаҳои асосие, ки дар кори диссертатсионӣ баён шудаанд ва унсурҳои навоварии илмиро дар бар мегирад, инҳоянд:

– пайваста бо ҷамъбасти таърифҳои моҳияти амнияти озуқаворӣ, ки дар адабиёти иқтисодӣ мавҷуданд, муқаррароти муаллифии ин мафҳум пешниҳод шуда, ба аҳкомҳои зерин таваҷҷуҳ дода шудааст: амнияти озуқаворӣ хусусияти раванди ба озуқа таъмин намудани аҳолиро ифода менамояд; ҳолати амниятии ин равандро сатҳи дастрасии доимии аҳолӣ бо озуқавории зарурӣ тавсиф медиҳанд;

– асоснок карда шудааст, ки системаи идоракунии муносибатҳои заминро барои ноил шудан ба сатҳи зарурии таъминоти озуқаворӣ ва ашёи хом ба соҳаҳои саноат ба иҷрои вазифаҳои асосии зерин равона кардан лозим аст: омезиши оқилонаи манфиатҳои стратегӣ ва тактикӣ дар соҳаи истифодаи заминҳои кишоварзӣ, яъне истифодаи оқилонаи замин ҳамчун захираи табиии маҳдуд ва ивазнашаванда; сода ва дастрас кардани низоми баҳисобгирӣ ва бақайдгирии ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замин; таъмини эътимоднокӣ ва самаранокии назорат аз болои истифодаи заминҳои кишоварзӣ;

– тамоюли истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва татбиқи технологияи муосири истеҳсолоти кишоварзӣ ва сатҳи таъмини амнияти озуқавории вилояти Суғд, фарқияти истифодаи оқилонаи замин миёни ноҳияҳори аграрии вилоят арзёбӣ шуда, муҳиммияти истифодаи самараноки заминҳои кишти кишоварзӣ барои вилоят асоснок карда шудааст;

– муайян карда шудааст, ки дар марҳалаи нави рушди мамлакат ва тараққиёти иқтисодиёти кишоварзӣ мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар барномаҳои рушди комплекси агросаноатии минтақа доир ба пайвасти мантиқии сохтори ташкиливу технологии типи дуюм ва сеюм тадбирҳо андешида, дар ин раванд самтҳои афзалиятноки танзими давлатии дигаргунсозии индустриалӣ ба дастгирии рушди навъи сеюми сохтори ташкилию технологӣ равона шудааст, ки он роҳи асосии таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва амнияти он мебошад;

– дар асоси ҷамъбасти адабиёти илмӣ ва муқаррароти умумии эътирофшуда, консепсияи истифодаи замини аз ҷиҳати экологӣ бехатар, ки ба

идоракунии оқилонаи заминҳои кишоварзӣ асос мегирад, пешниҳод карда шудааст;

– тавсияҳо доир ба такмили механизмҳо ва методҳои истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар самти таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба мелиоратсия, суғуртакунонии хавфу хатарҳо, омезиши органикии кооперативии давлатӣ ва деҳқонии индивидуалӣ, оилавӣ, оилавӣ-гурӯҳӣ дар иқтисодиёти деҳот ва ғайраҳо пешниҳод карда шудааст.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

1. Муқаррароти муаллифии мафҳуми амнияти озуқаворӣ дар пояи аҳкомҳои зерини он - амнияти озуқаворӣ.
2. Асоснок намудани муносибати системавӣ дар идоракунии муносибатҳои замин барои ноил шудан ба сатҳи зарурии таъминоти озуқаворӣ ва ашёи хом ба соҳаҳои саноат.
3. Арзёбии тамоюли истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва татбиқи технологияи муосири истеҳсолти кишоварзӣ ва сатҳи таъмини амнияти озуқаvotории вилояти Суғд.
4. Арзёбии барномаҳои рушди комплекси агросаноатии минтақа доир ба пайвасти мантиқии сохтори ташкиливу технологии типи дуюм ва сеюм ва самтҳои афзалиятноки танзими давлатии дигаргунсозии индустриалӣ ба дастгирии рушди навъи сеюми сохтори ташкилию технологӣ.
5. Пешниҳоди консепсияи истифодаи замини аз ҷиҳати экологӣ бехатар, ки дар асоси идоракунии оқилонаи заминҳои кишоварзӣ қарор мегирад;
6. Такмили механизмҳо ва методҳои истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар самти таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба мелиоратсия, суғуртакунонии хавфу хатарҳо, омезиши органикии кооперативии давлатӣ ва деҳқонии индивидуалӣ, оилавӣ, оилавӣ-гурӯҳӣ дар иқтисодиёти деҳот ва ғайраҳо.

**Аҳамияти назариявии амалии таҳқиқот** дар муайян намудани самтҳои асосии такмили механизми иқтисодииву ташкилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ки метавонад дар мавриди танзиму дастгирии давлатии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ истифода шаванд. Дар диссертатсия таклифҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ густариши таҳқиқоти минбаъдаи илмиро мусоидат менамоянд. Дар диссертатсия тавсияҳо оид ба ташаккули системаи аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидабахши дар мавриди ташкили тағйироти сохтории заминҳои кишт пешниҳод карда шудаанд. Пешгӯйии ҳамкориҳои ба мақсад мувофиқи ҷузъҳои идоракунии давлатии фонди замин имконият медиҳанд, ки масъалаҳои амалии ташкили истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои замин дар комплекси агросаноатии вилоят ҳал карда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи идоракунии заминҳои кишоварзӣ ва такрористеҳсоли

ҳосилнокии он эҷодкорона истифода бурдааст. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот интишор ёфтаанд, ки ин эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ менамояд.

1. **Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Соҳаи таҳқиқот ба қисматҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мутобиқат мекунад: 1. Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз он ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои КАС; 2. Амал намудан ва тараққи ёфтани бозорҳои захиравӣ ва озуқаворӣи кишоварзӣ, усулҳои ҳимояи онҳо; 4. Хусусиятҳои хоси равандҳои такрористеҳсолкунӣ дар хоҷагии қишлоқ, аз он ҷумла такрористеҳсолкунии фондҳои асосӣ, захираҳои меҳнатӣ ва заминӣ, фаъолияти инвеститсионӣ, маблағгузорӣ ва қарздиҳӣ; 7. Бозори заминҳои кишоварзӣ, муносибатҳои заминӣ дар сектори аграрии иқтисодиёт ва маҳалҳои деҳот; 44. Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар деҳот ва таъмини амнияти озуқаворӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф мустақилона доир ба такмили механизми ташкиливу иқтисодии идоракунии заминҳои кишоварзӣ, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамояд ва алгоритмҳои пайдарпайии таҳлили истифодаи замин, мониторинги он ва консепсияи истифодаи замини аз ҷиҳати экологӣ бехатарро пешниҳод намудааст.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Диссертатсия дар доираи татбиқи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.10. 2016, №392), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (3.08.2018, №1544)», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020 (БМР 2016-2020)», «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», «Барномаи давлатии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», «Барнома оид ба беҳтар намудани вазъи мелиорати-

вии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023» иҷро гардидааст.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ.** Натиҷаҳои назариявӣ ва тавсияҳои дар диссертатсияи пешниҳодшуда фаъолияти Сарраёсати кишоварзии вилояти Суғд (санади татбиқ №1/02-150, аз 22.05.2024), Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ №2/26-2170 (935), аз 24.05.2024) ва Кумитаи идораи замини вилояти Суғд (санади татбиқ №489-1/02, аз 10.06.2024) татбиқ карда шудааст.

**Интишорот довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**
**а) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Исломов О.О. Зарурати самаранок истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ [Матн] /Мирсаидов С.А. //Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.- Душанбе, 2024.- №1.- С. 75-82 ISSN 2413-5151;

[2-М]. Исломов О.О. Муносибатҳои назариявии муосир доир ба моҳияти амнияти озуқаворӣ [Матн] //"Кишоварз" /ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур.- Душанбе, 2023.- №3(100).- С. 241-249 ISSN 2074-5435;

[3-М]. Исломов О.О. Арзёбии самаранокии иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Суғд [Матн] //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2023.- № 2/1(46).- С.261-269 ISSN 2308-054X.

**б) Дар дигар нашрияҳо**

[4-М]. Исломов О.О. Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ – кафили амнияти озуқаворӣ [Матн] /Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои муосири рушди устувори заминсозӣ ва заминистифодабарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (ДАТ, 20.10.2024). – Душанбе, 2023.- С. 45-48

[5-М]. Исломов О.О. Динамикаи тағйирёбии заминҳои таъйиноти кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ [Матн] /Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Иқтисодиёти кишоварзӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ" (ДАТ, 16.12.2023). – Душанбе, 2023.- С. 418-420.

[6-М]. Исломов О.О. Моҳияти иҷтимоию иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ва меъёрҳои арзёбии истифодаи самараноки он [Матн] /Абдуалимзода Ҳ.А. /Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Маърифати ҳуқуқӣ: масъалаҳои ҳуқуқӣ-иқтисодии заминистифодабарӣ" (ДДМИТ, 11.05.2024). – Душанбе, 2024.- С. 19-24

## Хулоса

1. Диссертатсияи Исломов Обид Олимбоевич дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Исломов Обид Олимбоевич дар мавзуи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ барои баррасӣ ва ҳимояи расмӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси ғайринавбатии Шурои олимони факултетҳои иқтисодӣ ва идораи замин ва геодезияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур 11 июни соли 2024, протоколи №1) қабул гардидаст.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 22 нафар, зид нест, бетараф нест.

Раисикунанда, раиси Шурои олимони факултети иктисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Олимов А.Х.

Муқарризон:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур — Шарифов З.Р.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи замин ва кадстри Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур — Саидмуродзод Ҷ.Ҷ.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур — Элмуродов Х.З.

Котиб, мудири кафедраи иктисодиёт дар КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Исмоилов И.М.

Имзои Олимов А.Х., Шарифов З.Р., Элмуродов Х.З., Саидмуродзод Ҷ.Ҷ. ва Исмоилов И.М.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Абдуҳалимзода Н.А.